«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.**

____________________

«06» 06 с. 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Унвонҷӯй Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод (санаи таваллуд: 08 марти соли 1990) соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос – омӯзгор бо дипломи аъло хатм кардааст.

Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар асоси Фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2014, № 50 – 05, аспиранти кафедра дар шуъбаи ғоибона буд ва ҳоло муаллими калони кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ҳамин донишгоҳ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзуи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (аз 23 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 05).

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 30 июни соли 2023, № 104 дода шудааст. Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – 31 июни соли 2015 – баҳои 4 (хуб);
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – 28 марти соли 2023 – баҳои 5 (аъло);
- Ихтисос: 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ – 29 июни соли 2023 – баҳои 5 (аъло).

Роҳбари илмӣ Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи "Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Баъди муҳокимаи ниҳоии диссертатсияи унвонҷӯй чунин хулосаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Аз 1 июли соли 2023 танзими ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ тибқи меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ сурат мегирад. КМ ҶТ танзими ҳуқуқии ин шартномаро тибқи муқаррароти боби 43 «Хизматрасонии музднок» танзим намуда, ин хизматрасониро дар рӯйхати тахминии м. 860 КМ ҶТ пешбинишуда ҷойгир намудаст.

Дар танзими ҳуқуқии хизматрасонии музднoки байторӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004,

№ 72, Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 феврали соли 2015, №66 ва ғайра аҳамияти калон доранд. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои болозикршуда ҳангоме татбиқ карда мешаванд, ки ба сифати фармоишгар - истеъмолкунанда иштирок намояд. Масъалаи вазъи ҳуқуқии фармоишгаре, ки мақоми ҳуқуқии истеъмолкунандаро надорад аз доираи мавзуи танзими қонунгузории соҳавӣ берун мондааст.

Бо вуҷуди ин, меъёрҳои КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар ин самт қабулгардида наметавонанд тамоми маҷмӯи муносибатҳоеро, ки ҳангоми хизматрасонии байторӣ ба миён меоянд, танзим намоянд. Меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мафҳум, мавзуъ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва шартҳои муҳими шартномаи мазкурро ба андозаи кофӣ танзим накардааст. Шакли бастан ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ба таври нопурра муқаррар шудаанд. Аз ин рӯ, зарурияти инкишоф додани меъёрҳои ҳуқуқи мадании танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ зарурияти объективӣ мебошад.

Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии хизматрасонии муздноки байторӣ аз як тараф истеъмолкунандагон ё шахсони дигаре, ки ба ин хизмат эҳтиёҷ доранд, мебошанд. Бинобар ин, зарур аст, ки муқарраротти назариявӣ ва амалӣ оид ба меъёрҳои сифати хизматрасонии байторӣ бо мақсади ҳифзи беҳтари ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии фармоишгаре, ки мақоми ҳуқукии истеъмолкунандаро дорад, таҳия карда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои дар боло зикргардида баёнгари онанд, ки мавзуи мазкур ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам буда, барои интихоби он заминаро бавуҷуд овардаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ,

инчунин фаъолияти омӯзгорӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад, ки аз таҳлили амалияи байторӣ бармеоянд.

Ҳамчун омӯзгори ботаҷриба дониши пайдо намудаашро барои баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи донишҷуён, магистрон ва докторантон дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлӯҳои гуногуни танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маданӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқоти ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ асос меёбанд.

Дар диссертатсия талаботҳои одоби илмӣ, талабот оид ба аслияти асари илмӣ ва риояи қоидаҳои овардани иқтибосҳо риоя карда шудааст.

Автореферати диссертатсия ба мазмуни он пурра мутобиқат дорад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки донишҳои бавуҷудомада имкон медиҳанд, ки як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалиии танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокии байторӣ дар ҶТ пайдошуда ҳалли худро пайдо кунанд.

Аз ҷониби муаллиф ақидаҳои нав ва тавсияҳои татбиқшаванда дар шароити Тоҷикистон таҳия гардидааст, ки ҳастии воқеӣ доранд ва онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокӣ байторӣ мусоидат намоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд. Илова бар он муаллиф дар чунин чорабиниҳои сатҳи гуногуни илмӣ баромад кардаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии иноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масоили истифодабарии маҳсулоти инноватсионӣ ҳангоми хизматрасонии байторӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 10-уми июни соли 2014);

– Конференсияи дуюми байналмилалии илмии донишҷуён дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии ҳуқуқ дар марҳилаи муосир: аз нигоҳи ҷавонон» – маъруза бо забони русӣ дар мавзуи «Мафҳуми хизматрасонии байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, ДСРТ, 24-уми апрели соли 2015);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳо оид ба хизматрасонии байторӣ ҳамчун як намуди хизматрасонии касбӣ» (ш.Душанбе, ДМТ. 18-уми майи соли 2018);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-

солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Шартҳои муҳимми шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ» (ш.Душанбе, ДМТ, 2019).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида «20-солгарди Ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» – маъруза бо забони русӣ дар мавзуи «Мафҳуми хизматрасонии байторӣ ҳамчун истилоҳи ҳуқуқи граждании» (ш. Душанбе, ДМТ, соли 2017);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор (солҳои 2018-2028)» «Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқии байтор дар хизматрасонии байторӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 21-уми апрели соли 2018);

– Форуми дуюми ҳуқуқшиносони ҷавон – маъруза дар мавзуи «Баъзе аз масъалаҳо доир ба объекти хизматрасонии байторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, соли 2018);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Саидои Нафасӣ» – маъруза дар мавзуи «Оид ба баъзе масъалаҳои нарх дар шартномаи хизматрасонии байторӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 18-уми майи соли 2019);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳо оид

ба шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждани дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 25-уми апрели соли 2020);

– Конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон», 23 май ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф » (Солҳои 2020-2040) – маъруза дар мавзуи «Мафҳуми шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ» (ш. Душанбе, 18-19 майи соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи илмиаш муаллифи 24 асари илмӣ ва таълимӣ буда, ба теъдоди асарҳои калонҳаҷм 5 воситаи таълимиро ворид намудан мумкин аст.

Аз ин шумора 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидааст.

**I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Оид ба баъзе масъалаҳои хусусияти оммавӣ доштани шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Ҳаёти ҳуқуқӣ – Душанбе: Матбааи ДМТ, № 2 (38), 2022. – С.197-203. – ISSN 2307-5198.

[2-М]. Ғаюрзода Ш.К., Хоҷамуродов Д.Г. Баъзе масъалаҳо оид ба унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ [Матн] / Ш.К. Ғаюрзода, Д.Г. Хоҷамуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №4. Қисми I. – С. 226 - 231. – ISSN 2413-5151.

[3-М]. Хоҷамуродов Д.Г. Мафҳуми хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ. [Матн ] / Д.Г. Хоҷамуродов //Қонунгузорӣ. – 2024. – № 1 (53). – С. 76-82. – ISSN 2410-2903.

[4-М]. Хоҷамуродов Д.Г. Вазъи ҳуқуқии иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ. [Матн] /Д.Г. Хоҷамуродов // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №4. Қисми II. – С. 226 – 232. – ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[5-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масоили истифодабарии маҳсулоти инноватсионӣ ҳангоми хизматрасонии байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии иноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ (10-уми июни соли 2014)».- Душанбе, 2014.- С. 331-335.

[6-М]. Ходжамуродов, Д.Г. Понятие ветеринарных услуг по законодательству Республика Таджикистан / Д. Г. Ходжамуродов //Материалы второй международной научно - студенческой конференции на тему: «Актуальность проблемы права на современном этапе: взгляд молодежи», (24 апреля 2015 года).- Душанбе: РТСУ, 2015. – С. 50-53.

[7–М]. Ходжамуродов, Д.Г. Некоторые вопросы отношения человека к животным в Исламе./ Д. Г. Ходжамуродов // Правовая жизнь- Душанбе: Типография ТНУ, № 2 (14), 2016. – С.17-23.

[8–М]. Ходжамуродов, Д.Г. Понятие ветеринарные услуги как гражданско-правовое категории. / Д. Г. Ходжамуродов // Правовая жизнь- Душанбе: Типография ТНУ, № 1 (17), 2017. – С.150-157.

[9-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳои ҳифзи саломатии инсон дар хизматрасонии байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуки инсон – Душанбе, № 1 (09), 2018. – С.77-82.

[10-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Вазъи ҳуқуқии байтор дар хизматрасонии байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор (солҳои 2018-2028)» «Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «140-солагии Каҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айниӣ» ва «70 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (21 апрели соли 2018) //. — Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2018.

- С. 412-413.

[11-М]. Ходжамуродов, Д.Г. Понятие ветеринарные услуги как гражданско-правовое категории / Д. Г. Ходжамуродов // Материлы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «20-ой годавщине Дня национального единства» и «Году молодёжи». – Душанбе: Типография ТНУ, 2017. - С. 291-292.

[12-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳо оид ба хизматрасонии байторӣ ҳамчун як намуди хизматрасонии касбӣ / Д. Г. Хоҷамуродов //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ( 18-уми майи соли 2018). – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2018.- С. 331-335.

[13-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе аз масъалаҳо доир ба объекти хизматрасонии байторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Д. Г. Хоҷамуродов //Маводҳои форуми дуюми ҳуқуқшиносони ҷавон //Зери таҳрири н.и.ҳ. дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2018.- С. 15-18.

[14-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Оид ба баъзе масъалаҳои нарх дар шартномаи хизматрасонии байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Саидои Нафасӣ» ( 18-уми майи соли 2019). – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2019.- С. 129-130.

[15-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Шартҳои муҳимми шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери

таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 270-273.

[16-М]. Хоҷамуродов, Д.Г. Баъзе масъалаҳо оид ба шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» ( 25-уми апрели соли 2020). – Душанбе: Нашриёти ДМТ 2020.- С.143.

[17-М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Мафҳуми шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» 23 май ва «Бистсолаи омӯзиш ва рӯшди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Солҳои 2020-2040), 18-19 майи соли 2023.- Душанбе-2023. –С. 200-205.

[18-М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Нақши Иҷлосияи XVI- уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи қонунгузории байторӣ. / Д. Г. Хоҷамуродов // Иҷлосияи XVI- уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлату ҳуқуқи миллии тоҷикон: монография. – Душанбе: Балоғат, 2023. – 480 с. - С 167-477.

[19-М]. Хоҷамуродов Д.Г. Тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе: Балоғат, 2024. – 430 с. – С.64-68.

### III. Воситаи таълимӣ:

[20-М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи шартномавӣ: воситаи таълимӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Андалеб - Р, 2015. -244с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Соҳибов М.М, Саидов Ҳ.М, Бобохонов Ҳ.З.

[21-М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи уҳдадорӣ: воситаи таълимӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К.–Душанбе: Сино, 2016. - 160 с. - Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонализода Н. Ш., Соҳибов М.М, Саидов Ҳ.М, Бобохонов Ҳ.З.

[22-М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. –232 с.

[23-М]. Хоҷамуродов, Д. Г. Ҳуқуқи уҳдадорӣ: воситаи таълимӣ / Д. Г. Хоҷамуродов // Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К.–Душанбе: Сино, 2018. - 180 с. - Дар ҳаммуаллифӣ бо Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонализода Н. Ш., Соҳибов М.М, Саидов Ҳ.М, Бобохонов Ҳ.З.

[24-М]. Ghayurzoda SH.K., Khojamurodov D.G., Qjdirzoda S.S. Civil law of the Republik of Tajikistan: textbook part 1.// Under the general editorship of Ghayurzoda SH.K. – Doktor of Lav, Professor. – Dushanbe: TNU: Printing House, 2024. – 188p.

**Ҳамин тавр, аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин қарор қабул гардид:**

1.Диссертатсияи унвонҷӯй – Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, унвонҷӯй арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд 17 нафар. Тарафдор – 17 нафар, зид ва бетараф нест.

Суратҷаласа аз 05 июни соли 2024, № 11.

**Иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ:** **Қурбонов Қ. Б.**

**Котиби ҷаласа, ассистенти кафедра:** **Қодирзода С. С.**

**Имзоҳои Қурбонов Қ. Б. ва Қодирзода С. С. – ро тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-17; 734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10**

**Факс: (+992-37) 227-15-10**

**E-mail: info@tnu.tj**